**Протоколи № 2**

ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**ш. Душанбе** 01.04.2022

**Иштирок доштанд**: Мудири шуъба, н.и.ҳ. Абдуҷалилов А., сарходимони илмӣ:академик Маҳмудзода М.А., узви вобастаи АМИТ, д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М.З., ходимони пешбари илмӣ: д.и.ҳ, профессор Ғаюров Ш.К., н.и.ҳ., дотсент Шонасридинов Н., лаборанти калони шуъба Раҳимова К.

**Рузномаи ҷаласа:**

1. Муҳокимаи рисолаи унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи хусусӣ Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи "Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ"

Аз сабаби он, ки роҳбари илмии унвонҷӯ Болтуева М.Ё. мудири шуъба А.Абдуҷалилов мебошад, раисӣ дар ҷаласа ба зиммаи академик Маҳмудзода М.А. гузошта шуд.

Дар аввал маърузаи довталаби дараҷаи илмӣ Болтуева Машҳурахон Ёқубовна вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ шунида шуд. Дар баромади худ унвонҷӯ Болтуева М.Ё. оиди корҳои ба анҷомрасида дар доираи такмили рисола сухан ронда, иттилоъ дод, ки дар натиҷаи таҳқиқи мавзӯи рисола ӯ ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст. Рисола дар шакли имрӯза мукаммал буда, ба талаботҳои илмӣ мувофиқ аст. Унвонҷӯ навгониҳои таҳқиқоти илмиро, ки дар натиҷаи кор ба даст овардааст, баён намуд. Баъд аз он саволу ҷавоб баргузор гардид.

Доир ба диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна тақризи роҳбари илмӣ н.и.ҳ., Абдуҷалилов А. шунида шуд. Роҳбари илмии унвонҷӯ А.Абдуҷалилов инчунин ба ҳозирин иттилоъ дод, ки рисоларо омӯхтааст ва бешубҳа унвонҷӯ дар раванди кор бо мавзӯи интихобгардида корҳои муайянро ба итмом расонидааст. Рисола барои омӯзиш ба шуъба пешниҳод гардидааст, камбудиҳои муайяне, ки ба назар мерасиданд ва дар раванди омӯзиши рисола аз тарафи ходимони шуъба баён шуда буданд, ислоҳ шуда, рисола аз нуқтаи назари илмӣ мукаммал гардидааст. Рисола ба барномаҳои илмӣ-таҳқиқотии шӯъба, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст. Роҳбари илмӣ изҳори назар намуд, ки унвонҷӯ дар муддати муайянгардида камбудиҳоеро, ки аз тарафи ходимони шуъба изҳор шуда буданд, ислоҳ кардааст.

Дар баромадҳои худ академик Маҳмудзода М.А. ва профессор Раҳимзода М.З. оиди сатҳи коркарди илмии мавзӯъ сухан ронда, ибрози ақида намуданд, ки бешубҳа дар давоми 7 соли таҳқиқи илмӣ унвонҷӯ ба натиҷаҳои назарраси илмӣ расидааст. Навгониҳои таҳқиқоти илмӣ мукаммалтар ифода ёфтаанд.

Мудири шӯъба А.Абдуҷалилов лоиҳаи хулосаи шуъбаро оиди ба даври дуюми экспертиза пешниҳод намудани рисолаи номзадии унвонҷӯ Болтуева М.Ё. қироат намуд. Лоиҳа аз тарафи ходимони шуъба якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

Ходимони илмӣ пешниҳод намуданд, ки диссертатсияи Болтуева М.Ё. бо дар назардошти ислоҳи камбудиҳои зикршуда ба ҳимоя тавсия дода шавад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Болтуева Машхурахон Ёқубовна дар мавзуи “Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ” бо дар назардошти ислоҳи эродҳои зикршуда барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

2. Диссертатсияи унвончӯ Болтуева Машхурахон Ёқубовна дар мавзуи “Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ” ба экспертизаи навбатӣ ба Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Раиси Ҷаласа:
Академики Академияи миллии илмхои Тоҷикистон, д.и.ҳ.,профессор М.Маҳмудзода

Котиби чаласа:
Лаборанти калони шӯъбаи хуқуки хусусӣ К. Раҳимова

Имзоҳои М.Маҳмудзода ва К.Раҳимова-ро тасдиқ мекунам:

Нозири калони шӯъбаи кадрҳои ИФСХ-и АМИТ Х. Шозедов

01.04.22